**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин ба таҳқиқи масъалаи мураккаб ва дар айни замон бисёр муҳимми иқтисоди муосир - таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ тавассути воситаҳои танзими макропруденсиалӣ бахшида шудааст. Дар шароити таҳдидҳои афзояндаи хавфҳои системавӣ ва ноустувории молиявӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии мавзуи интихобшуда шакку шубҳа надорад.

Муаллиф дар автореферат масъалаи таҳқиқотро равшан ифода намуда, ҳадаф ва вазифаҳои асосиро бо мантиқи дохилӣ пайваст кардааст. Объект ва мавзуи (предмет)-и таҳқиқот ба мазмуни рисола мутобиқ буда, доираи масъалаҳои баррасишавандаро дақиқ муайян менамоянд (саҳ. 6). Мазмуни қисмати назариявӣ дараҷаи баланди аз худ кардани адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷиро нишон медиҳад (саҳ. 12-14).

Ҷанбаи хоси кори илмӣ истифодаи равиши системавӣ дар арзёбии нақши сиёсати макропруденсиалӣ дар таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ мебошад (саҳ. 17). Муаллиф тавонистааст робитаи мутақобилаи байни хавфҳои макроиқтисодӣ, фаъолияти бонкҳо ва механизмҳои танзимро нишон диҳад. Методологияи таҳқиқот ба маҷмуи усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ такя намуда, асоснокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин мекунад.

Дар автореферат навгониҳои илмӣ ба таври мушаххас инъикос ёфта, дар пешниҳоди равишҳои такмилёфтаи механизми танзими макропруденсиалӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо барои баланд бардоштани устувории низоми бонкӣ ифода меёбанд. Аҳамияти амалии натиҷаҳо дар имконияти истифодаи онҳо ҳангоми таҳияи сиёсати танзимкунандаи мақомоти дахлдор ва дар фаъолияти амалии низоми бонкӣ зоҳир мегардад (саҳ. 53-65).

Бо вуҷуди бартариҳои зикршуда, муаллиф метавонист дар автореферати диссертатсия баъзе масъалаҳоро аз ҷумла баҳодиҳии самаранокии фишангҳои алоҳидаи макропруденсиалӣ дар шароити тағйирёбандаи муҳити иқтисодиро бо таҳлили амиқтар пешниҳод намояд. Аммо, ин нуқсонҳо хусусияти умумиро халалдор накарда, сатҳи илмии корро паст намекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия» ба талаботи муқаррargардидаи корҳои тахассусӣ ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои таҳқиқот дорои арзиши назариявӣ ва аҳамияти амалии назаррас мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳамияти назарраси амалӣ буда, метавонанд барои беҳтар намудани вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии кишвар ва мутобиқ гардонидани фаъолияти онҳо ба меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ истифода шаванд. Бо дарназардошти ин, диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
муовини ректор оид ба таълими
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Ҳамдамзода Х.А.

*Имзои Ҳамдамзода Х.А.-ро тасдиқ мекунам.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Нажмидинов М.М.

02. 02. 2026 с.

Суроға:735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (83222)-2-54-81. Факс: (83222)-2-48-63.
Сомона: www.btsu.tj; E-mail: bgu-1978@mail.ru
Телефони муқарриз: (+992)-93-720-44-44